آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

17 июли соли 2024 Чоршанбе № 57 (15068)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА БЕҲСОЗИИ ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 16 июл бо тақдимот дар бораи чорабиниҳо оид ба беҳсозии инфрасохтори сайёҳӣ дар минтақаҳо ва афзудани мавҷи сайёҳони хориҷӣ шинос гардид.***

Вазифаҳои марбут зимни ҷамъомади видеоселекторӣ ва гуфтугӯ бо соҳибкорон 3 июни соли ҷорӣ муҳокима гардида буд. Дар асоси вазифаҳое, ки он вақт гузошта шуда буд ва пешниҳодоти арзгардида чорабиниҳои иловагӣ таҳия гаштаанд, ки ба рушди соҳа нигаронда шудаанд.

Аз он ҷумла, бо мақсади таъмини ташкилотҳои сайёҳӣ бо маблағи гардишӣ барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба мамлакатамон бахши алоҳидаи кредит аз Фонди таҷдид ва рушд ба миқдори 50 миллион доллар боз мегардад. Ин кредит бо асъори миллӣ бинобар ставкаи 17 фоизи солона ба муддати 10 сол бо давраи имтиёзноки 2-сола ҷудо карда мешавад.

Дар минтақаҳое, ки молики зарфияти баланд мебошанд, объектҳои сайёҳӣ дар асоси нақшаи маҳорат сохта мешаванд. Барои беҳсозии инфрасохтори чунин минтақаҳо соли ҷорӣ аз буҷаи ҷумҳурӣ 100 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад. Инчунин ба ҳар яки он сармоя дар ҳаҷми 50 миллион доллар ҷалб карда мешавад.

Чандин имтиёз барои соҳибкороне, ки дар соҳаи сайёҳӣ фаъолият доранд, пешбинӣ мегардад. Озод намудани автобус ва микроавтобусҳо аз пардохти гумрук, ҷуброни туроператорон ва ҳунармандон ба миқдори 50 фоизи харҷе, ки бо иштирок дар ярмаркаҳои байналхалқӣ алоқаманданд, 50 фоиз кам намудани андоз аз даромади соҳибкороне, ки бо иштироки меҳмонони хориҷӣ чорабиниҳои тиҷоратӣ ташкил менамоянд, аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Роҳбари давлат ногузирии ба вуҷуд овардани тамғаи миллии сайёҳии Ӯзбекистонро таъкид кард. Бинобар ин аз талаботи бозорҳои мақсаднок бар омада, контент дар бораи намудҳои сайёҳӣ дар мамлакатамон ба вуҷуд оварда мешавад. Вай дар расонаҳои байналхалқӣ ва пойгоҳҳои иҷтимоӣ, чорабиниҳои варзишӣ ва ҳунарии ҷаҳонӣ ташвиқ карда мешавад. Журналистон, блогерҳо ва инфлюенсерҳои молики аудиторияҳои бисёр ҷалб карда мешаванд.

Барои шароити мусоиди сайёҳон онлайн-платформаи ягона дар бораи парвозҳо, ҳаракатҳои поезд ва автобусҳо бо имконоти ба даст овардани билетҳо ба роҳ андохта мешавад. Билетҳои парвоз, роҳи оҳан ва автобусҳо дар муддати на камтар аз шаш моҳ то ҳаракати онҳо ба фурӯш гузошта мешавад. Ҳангоми ҷашнҳои умумихалқӣ парвозҳои иловагӣ гузошта мешавад. Маълумот дар ин бора дар воситаҳои ахбори оммавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ мунтазам эълон карда мешавад.

Инчунин масъалаи тарбияи мутахассисони соҳа муҳим мебошад. Аз соли хониши оянда дар ин самт чандин навоварӣ дар назар дошта шудааст.

Аз ҷумла, барномаҳои таълимӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва меҳмонхонадорӣ дар асоси таҷрибаи муассисаҳои таълимие, ки шомили рӯйхати 100-тои беҳтарини таснифи ҷаҳонӣ мебошанд, такмил дода мешаванд. Ба ҷойи 4 соли таҳсили таълими олӣ дар соҳа 3 сол ҷорӣ карда мешавад. Ба донишҷӯён имконоти ҳамзамон бо таълим кор бинобар ихтисос дода мешавад, ки онҳо сабақи касбии худро бевосита дар ҷойи кор инкишоф медиҳанд. Дар донишгоҳҳои давлатии Андиҷон, Бухоро, Самарқанд ва Урганч, донишгоҳҳои шарқшиносӣ, забонҳои ҷаҳон ва «Роҳи абрешим» доир ба тарбияи гидҳо курсҳо ташкил карда мешаванд.

Роҳбари давлат доир ба таҳияи ҳуҷҷати марбут ва босамар ташкил намудани иҷрои он супориш дод.

**ЎзА.**

*Минбари депутат*

## МАСЪУЛИЯТ ВА ҲИСОБДОРИИ ҲОКИМОН ДАР НАЗДИ ШӮРОҲОИ МАҲАЛЛӢ ПУРЗӮР КАРДА МЕШАВАД

***Солҳои охир дар мамлакати мо ваколатҳои Шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқ оид ба ҳалли масъалаҳои таъхирнопазири тараққиёти иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ васеъ гардонда, ислоҳот оиди пурра ба рӯи об баровардани ҳокимияти халқӣ пай дар пай идома дорад.***

Аз ҷумла, дар таҳрири нави Конститутсияи мо тасдиқ карда шудааст, ки ба Шӯрои депутатҳои халқ бояд раисе роҳбарӣ кунад, ки аз ҷумлаи депутатҳои он мувофиқи қонун интихоб карда шудааст ва шахсе, ки вазифаи ҳокими вилоят, ноҳия, шаҳрро иҷро менамояд, дар як вақт вазифаи раиси Шӯроро ишғол карда наметавонад. Вазифаи аввалиндараҷаи минбаъда масъалаи дар қонунгузорӣ инъикос намудани кафолатҳои конститутсионии принсипи тақсимоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ ва намояндагӣ буд.

Бо назардошти ин, гурӯҳи вакилон лоиҳаи қонун «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба баъзе санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба муносибати такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти маҳаллии давлатӣ дар таҳрири нави Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон»-ро дар асоси ҳуқуқи ташуббуси қонунгузорӣ таҳия намуда, дирӯз дар палатаи поёнӣ дар хониши якум қабул кард.

Бо ин лоиҳаи қонун як қатор тағйироту иловаҳои муҳим ба қонунгузории амалкунанда пешниҳод карда мешавад.

Якум, тибқи Конститутсия дар таҳрири нав ваколати ҳокими вилоят, ноҳия ва шаҳр оид ба идоракунии ҳокимияти намояндагӣ дар қаламрави дахлдор барҳам дода шуда, роҳбарӣ кардан танҳо ба ҳокимияти иҷроияи вилоят, ноҳия ва шаҳр пешбинӣ шудааст.

Дуюм, ҳангоми дар Шӯроҳои дахлдори депутатҳои халқӣ дида баромадани номзадҳои ҳокимони вилоят, ноҳия ва шаҳр меъёри нави пешниҳод намудани барномаи пешомадноки ба тараққиёти иҷтимоию иқтисодии вилоят пешбинишуда ворид карда мешавад.

Сеюм, бо меъёри нав пур карда шудааст, ки як шахс наметавонад бештар аз ду мӯҳлат пай дар пай ҳокими як вилоят, ноҳия, шаҳр таъин шавад.

Чорум, ваколатҳои ҳокимони вилоят ва шаҳри Тошканд оид ба ҳуқуқи моликияти замин ва истифодабарии он бекор карда мешаванд. Мустаҳкам карда мешавад, ки онҳо ҳуқуқ доранд қитъаҳои заминро танҳо дар мавридҳо ва тартиби пешбининамудаи қонун барои истифодаи доимӣ диҳанд.

Дар баробари ин дар лоиҳаи Қонун як қатор нормаҳои нав инъикос ёфтаанд, ки ба баланд бардоштани роли Шӯроҳои маҳаллӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави назорати намояндагӣ, пурзӯр намудани масъулият ва ҳисобдории ҳокимон дар назди Шӯроҳои маҳаллӣ нигаронида шудаанд. Мувофиқи он ба фаъолияти Шӯроҳои маҳаллӣ раисе, ки аз байни депутатҳо интихоб шудааст, роҳбарӣ мекунад. Инчунин, дар лоиҳа шумора ва мӯҳлатҳои даъват намудани сессияҳои Шӯроҳои депутатҳои халқи вилоят, ноҳия, шаҳр низ инъикос ёфтаанд. Яъне ифтитоҳи иҷлосияи аввал ва тартиби раёсати он муайян карда мешавад.

Илова бар ин, ба раиси Шӯро ва роҳбари гурӯҳи ҳизби сиёсие, ки дар интихобот бештари курсиҳоро ба даст овардаанд, ваколати раисии ҷаласаҳо дода мешавад. Ба Шӯроҳои маҳаллӣ ҳуқуқ дода шудааст, ки бо назардошти хусусиятҳои хоси маҳалҳо то 5 (дар амал 8) комиссияҳои доимӣ ва муваққатӣ ташкил кунанд ва ваколатҳои комиссияҳо низ пешбинӣ карда шудаанд.

Бо лоиҳаи Қонун доираи салоҳияти Шӯроҳои маҳаллӣ васеъ мешавад. Аз ҷумла, шунидани ахбори намояндаи минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар Олий Маҷлис (Омбудсман), қабулгоҳҳои халқии Президент ва баррасии ҳисоботи роҳбарони Агентии кор бо ҷавонони вилоят аз ҷумлаи инҳост.

Пешбинӣ шудааст, ки имкониятҳои Шӯроҳои маҳаллӣ дар татбиқи тадбирҳои назорат бо роҳи ҷорӣ намудани ниҳодҳои самарабахш, амсоли «Пурсиши шӯро» ва «Тафтишоти шӯро» васеъ карда шаванд.

Бар замми ин, мустаҳкам карда шудааст, ки ҳуҷҷатҳои қабулшавандаи Шӯрои маҳаллӣ ва ҳоким дар низоми ягонаи электронии таҳия, созиш ва бақайдгирии қарорҳои қабулшавандаи мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ (e-qaror.gov.uz) аз рӯйхат гузаронда шавад.

Нуқтаи дигари муҳим ин аст, ки қоидаҳои марбут ба ҷудо кардани вазифаҳои ҳоким ва раиси Шӯрои маҳаллӣ дар ин ҳуҷҷат дар вилоятҳо ва шаҳри Тошканд аз рӯи натиҷаҳои интихоботи соли 2024, ноҳия ва шаҳрҳо аз 1 январи соли 2026 амалӣ карда мешавад.

Мухтасар ифода намоем, лоиҳаи Қонун дар пурра ба рӯи об баровардани тамоюли тақсимоти ҳокимиятҳо дар маҳалҳо, пурзӯр намудани назорати намояндагии Шӯроҳои маҳаллӣ ва депутатҳои онҳо аз болои мақомоти иҷроия, ба «овоз»-и ҳақиқии халқ табдил додани онҳо нақши муҳим мебозад. Муҳимаш он аст, ки он ба татбиқи ислоҳоти конститутсионӣ, ки дар кишварамон амалӣ карда мешавад, хизмат мекунад.

**Инъомҷон ҚУДРАТОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис**

## «ПАРИЖ-2024»: РАҚАМҲОИ НАВ ПОЙДЕВОРИ ҒАЛАБАҲОИ НАВАНД

***Дар Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпӣ, ки дар пойтахти Фаронса баргузор мешавад, 90 нафар варзишгарони мо дар 75 самти 19 намуди варзиш қувва меозмоянд.***

Ин рақамҳо барои ҳайати вакилони Ӯзбекистон рекорди нави мутлақ мебошад. Дар байни ин роҳхатҳо дар барномаҳои футбол, камонварӣ, гӯштии занон ва ҷаҳидан ба об бори аввал дар таърих ба муҳимтарин чорабинии чорсолаи варзишӣ роҳхат ба даст оварда шуданд. Дар Олимпиадаи «Париж – 2024» шарафи кишварамонро 32 нафар бонувони варзишгари мо ҳимоя мекунанд, ки далели таваҷҷуҳи зиёд ба варзиши занона дар кишвари мост.

Дар Осорхонаи шӯҳрати олимпӣ ва паралимпии пойтахти кишварамон пеш аз иштироки варзишгарони Ӯзбекистон дар Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпӣ, ки моҳҳои июл-август дар Парижи Фаронса баргузор мешавад, нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Вазири варзиши Ҷумҳурии Ӯзбекистон Адҳам Икромов, Саркотиби Кумитаи миллии олимпӣ Ойбек Қосимов, муовини якуми раиси Кумитаи миллии олимпӣ, ноиби якуми президенти АФӮ Равшан Эрматов, муовини якуми раиси Федератсияи бокси Ӯзбекистон, муовини раиси Кумитаи миллии олимпӣ Сакен Полатов, раиси Ассотсиатсияи таэквондои Ӯзбекистон, муовини раиси КМО Шерзод Ташматов, раиси Федератсияи дзюдои кишвар Азизҷон Комилов зимни посух ба суолҳои рӯзноманигорон иброз доштанд, ки дар кишвари мо солҳои охир ба варзиш диққати калон дода мешавад.

Ӯ аз ҷумла гуфт, ки барои омодагии ҳамаҷониба ва ширкати бомуваффақияти варзишгарон дар Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпӣ, ки дар Париж баргузор мешавад, тамоми шароит фароҳам оварда шудааст, ки ин дар шумораи роҳхатҳои ба даст овардашуда инъикос меёбад.

Воқеан, имрӯз варзишгарони кишварамон ба чорабиниҳои бузурги варзишӣ, ки дар асоси барномаҳои мушаххас ва нишондодҳои стратегӣ баргузор мешаванд, ба таври бояду шояд омодагӣ мебинанд. Ин бошад, дар ба даст овардани комёбиҳои дилхоҳ ва муайян кардани нақшаҳои оянда ба кор меояд.

Танҳо мувофиқи қарорҳое, ки дар сатҳи кишвари мо доир ба омодагии ҳамаҷониба ба Бозиҳои олимпии «Париж-2024» қабул гардиданд, барномаҳои таҳияшуда омодагии 3-солаи «харитаи роҳ» имрӯз самараи худро бахшиданд ва ин дар рақамҳо, роҳхатҳои ба даст овардашуда тасдиқ мегарданд.

Бояд гуфт, ки бо вуҷуди кутоҳ будани давраи тайёрӣ ба Бозиҳои тобистонаи олимпӣ варзишгарони шуълавари мамлакати мо як қатор натиҷаҳои таърихӣ ба даст оварданд.

Ба шарофати фаъолияти муштараки Вазорати варзиш, Кумитаи миллии олимпӣ, федератсия ва ассотсиатсияҳо иштироки варзишгарони мо дар мусобиқаҳои литсензионӣ, чемпионатҳои қитъавӣ ва ҷаҳонӣ, ҷамъомадҳои таълимию тамринии дохиливу хориҷӣ, ниёзҳои тиббию фармакологии онҳо пурра таъмин гардид.

Варзишгарони мо дар солҳои охир дар мусобиқоти чемпионати ҷаҳон аз рӯи бисёр намудҳои варзиш ва ҳамчунин дар Бозиҳои тобистонаи осиёии «Ханчжоу – 2022» дар таърихи худ натиҷаҳои беҳтарин ба даст оварданд.

Дастаи мунтахаби Ӯзбекистон бори нахуст дар мусобиқоти дзюдо дар Олимпиадаи “Париж – 2024” 13 роҳхат, дар таэквондо WT 5 ва дар намуди велосипедронӣ 4 роҳхат ба даст овард.

Дастаи мунтахаби мардонаи Ӯзбекистон оид ба гимнастикаи варзиш дар ин мусобиқот бори аввал бо 3 варзишгар ҳуқуқи иштирокро ба даст оварда бошад, бори нахуст тими занонаи бокс бо 4 устоди дастпӯшакҳои чармӣ шарафи кишвари моро дифоъ хоҳад кард.

Дар таркиби ҳайати вакилони мо Улуғбек Рашитов, Акбар Ҷӯраев, Баҳодир Ҷалолов, Ҳасанбой Дӯсматов барин варзишгарон барои гирифтани номи чемпиони дукаратаи бозиҳои олимпӣ мубориза бурда, 67 нафар варзишгарони мо фароштурукҳои бозиҳои олимпӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар рафти анҷуман ба масъалаҳои дастгирии варзишгарони мо, ки шарафи Ватанамонро дар майдонҳои спорт ва футболи Париж ҳимоя мекунанд, тақрибан 200 варзишгари ҷавон, ки барои рӯҳбаландии рӯҳонӣ роҳи Фаронсаро пеш мегиранд, ҳифзи саломатии варзишгаронамон, омодагии техникиву тактикӣ, раванди машғулот, таъмин кардани бехатарии онҳо дахл карданд.

Ғайр аз ин, инчунин дар бораи вазифаҳои воситаҳои ахбори оммавӣ дар бобати ба халқи мо пурра расондани тафсилоти бозиҳои олимпӣ, рафти мусобиқаи ҳар як варзишгари мо фикру мулоҳизаҳо баён карда шуданд.

Дар охири анҷуман журналистони спорт ба аъзоёни ҳайати вакилони мо, ки қарор доданд, ки дар ҳар рӯзу ҳар дақиқаи бозиҳои тобистонаи олимпӣ барои инкишофи спорти Ӯзбекистон ва обрӯи он мубориза мебаранд, аз самими қалб муваффақият орзу карданд.

**Ҷавоҳир ТОШХӮҶАЕВ,**
**Тӯлқин РӮЗИЕВ,**
**мухбирони ЎзА.**

## ҚАМАШӢ СОҲИБИ КОРХОНАИ НАВ ШУД

***Дар ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё коргоҳе ба фаъолият шурӯъ кард, ки ба коркарди партовҳои маишии қаламрав махсус гардонида шудааст.***



Ин корхона дар ивази 5,5 миллиард сӯм бунёд гардида, рӯзмарра 2,2 тонна маҳсулоти нимтайёр истеҳсол мекунад. Шермамат Исматуллоев – раҳбари ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Қамай-Қорасув-Экос» гуфт:

– Айни ҳол дар коргоҳ 22 кас бо ҷои кори доимӣ банд ҳастанд ва онҳо тавассути дастгоҳҳои муқтадири ҳозиразамон ба коркарди он партовҳои маишие машғул ҳастанд, ки аз ҳудуди ноҳияи Қамашӣ ҷамъоварӣ мешаванд.

Дастгоҳҳо аз Ҷумҳурии Халқии Чин дар ивази 220 ҳазор доллари ИМА харида ва дар сеҳҳо насб гардидаанд. Бештар лифофаҳои селофанӣ, зарфҳои пластикии гуногун дубора коркард мешаванд ва ба шакли маҳсулоти нимтайёр ба корхонаҳои ниёзманд интиқол меёбанд. Корхона минбаъд нақша дорад, ки дастгоҳҳои дигаре харидаву истеҳсоли маҳсулоти тайёри ба монанди зарфҳои пластикӣ, халтачаҳои гуногунандозаи селофанӣ, лифофаи маҳсулоти гуногун, халтаҳо барои партовҳоро ба роҳ монад, ки дар бозори дохилӣ талаботи хуб доранд.

Шермамат Исматуллоев иброз дошт, ки дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар назди корхонаи таҳти раҳбариаш 2,5 га боғи сарсабзе бунёд кардаву дар ҳудуди он қариб 2000 бех ниҳоли дарахтони боровар нишондаанд. Айни ҳол дарахтон дар асоси технологияи пешқадам бо усули қатравӣ ва мисли борон обёрӣ мешаванд ва интизор меравад, ки дар солҳои наздик бо ҳосилашон комҳоро ширин хоҳанд кард. Дар нақша ҳаст, ки меваҳои боғи мазкур ба бозорҳои дохилии кишвар интиқол ёфта, аз он низ даромади иловагие ба даст ояд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

## САБЗАВОТИ ҶОПОНӢ ДАР ВОБКАНД

***Мардуми деҳаи Наршахи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Латифсобунгар»-и ноҳияи Вобканд ҳамдеҳаашон Ботир Болтаевро ҳамчун деҳқони асил эҳтиром мекунанд. Ӯ баробари самаранок истифода бурдан аз қитъаи наздиҳавлӣ дар ду сотих гармхона сохта, он ҷо маҳсулоти сабзавоту полиз мерӯёнад.***

Агар фасли баҳор картошка, помидор, бодиринг, пиёз, қаламфури булғор рӯёнад, дар гирду атроф ошкаду, боимҷон, лаблабу, лӯбиё, сабзаҳои истеъмолӣ барин зироатро нашъунамо медиҳад. Солҳои охир вай ӯ бо мадади фарзандон дар гармхона таҷрибаи рӯёндани зироати ҷопонӣ: помидор, бодиринг, харбуза ва ҷуворӣро аз озмоиш гузаронд ва комёб гардид. Даромади имсола аз помидор ва қаланфури ҷопонӣ қариб ба 16 миллион сӯм расид. Хонадон соҳиби 6 сотих боғ низ мебошад. Дар ин ҷо дарахтони меваdор, токҳои гуногун ғарқи ҳосиланд. Себу нок, хурмою шафтолу барин меваҳои бозоргир ба даромади хонадон даромад зам мекунанд.

Дар натиҷа орзую умедҳои аҳли оила ба рӯи об мебарояд. Фарзандон соҳиби касбу кори дилхоҳ мегарданд. Аз ҷумла писари хонадон Беҳрӯз дар Ҷопон таҳсил гирифта, соҳиби касб шудааст. Ӯ ҳоло дар шаҳри Танеговаи Ҷопон ҳамчун барномасози технологияҳои ахбор фаъолият дорад. Дар хонадони Болтаевҳо истеҳсол гардидани зироати ҷопонӣ беҳуда нест. Сарвари хонадон назди фарзандашон ба Ҷопон рафта, тухмии онҳоро оварда, дар гармхонааш корид ва ба натиҷаи дилхоҳ соҳиб гардид. Ҷараёни афзоиш додани ҳосил дар гармхона ва озмоиши хурмои ҷопонӣ он ҷо бо муваффақият идома дорад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ИДОРАҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ХИДМАТИ МАРДУМ

***Аз сокинони вилояти Самарқанд дар нимсолаи якуми соли равон ба Қабулхонаҳои виртуалӣ ва халқии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон 68,8 ҳазор мурочиат расид, ки нисбат ба ҳамин даври соли гузашта 13 дарсад зиёд мебошад.***

Аз ин мурочиатҳо 50503-тоаш, яъне 81 дарсади он қонеъ гардонида шуданд, 523-тоашро зери назорат гирифтанд, аз рўи беш аз 1000-тоаш маслиҳат доданд, 763-тоашро рад карданд, 212-тоаш бе баррасӣ гузошта шуд.

Аҳамияти мурочиатҳое, ки бо вомҳои бонкӣ, фонди биноҳои истиқоматӣ ва фаъолияти коргузорони ташкилотҳо, бехатарии ҳаракати роҳ, корҳои шаҳрвандӣ дар судҳо вобастаанд, афзуданд.

Шумораи мурочиатҳои такрорӣ, ки дар нимаи якуми сол расиданд, 9 425-торо ташкил кард ва нисбат ба ҳамин даври соли гузашта ба 34-то афзудааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаммоҳои шаҳрвандон саривақтӣ ҳал карда нашудаанд ё ки масъалаҳои дар мурочиатҳо гузошташуда, такрор шудаанд.

Мурочиатҳои такрорӣ асосан ба таъминоти қувваи барқ, газ, вомҳои бонкӣ ва соҳибкорӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва нафақа, корҳои шаҳрвандӣ дар судҳо вобастаанд. Аксарияти чунин мурочиатҳо аз шаҳри Самарқанд (1116), ноҳияҳои Пастдарғам (1086), Каттақўрғон (864), Пайариқ (786), Пахтачӣ (698) ва Ургут (674) омада расиданд.

Қабулҳои сайёре, ки роҳбарони муассиса ва ташкилотҳо дар ҷойҳо мегузаронанд, дар ҳалли мурочиатҳои шаҳрвандон самараи хуб медиҳад. Мисол, дар нимсолаи якум роҳбарони секторҳои вилоят 2 345 бор чунин қабулҳо гузаронданд, ки дар онҳо 16 290 шикояти 15760 нафар шаҳрванд шунида шуданд ва 63 дарсади ин мурочиатҳо мусбат ҳал гардидаанд.

Зиёда аз ин, 393 нафар шаҳрванд ҳалли муаммои худро мунтазир нашуда, ба шаҳри Тошканд рафтаанд ва бевосита ба Қабулхонаи халқии Президент аз рўи 660 масъала мурочиат кардаанд, онҳо асосан сокинони шаҳри Самарқанд (208 нафар), ноҳияи Пастдарғам (95), Тайлоқ (53), Ургут (51) ва Пахтачӣ (41 нафар) мебошанд.

Дараҷаи кори ташкилотҳои минтақавӣ бо шаҳрвандон, ки барои ёрӣ такроран мурочиат мекунанд, ҳамон суст аст. Дар давоми ним сол 333 нафар шаҳрванд аз 10 то 50 маротиба ва 10 нафар беш аз 50 маротиба мурочиат намудаанд.

Натиҷаҳои фаъолият дар нимсолаи якум, инчунин, таҳлилҳои пешниҳод ва мурочиатҳо нишон медиҳанд, ки роҳбарони идораҳои ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳо, роҳбарони секторҳо бояд бо мурочиатҳои шаҳрвандон бештар кор кунанд, бо онҳо бевосита бо ташкили қабулҳои сайёр мулоқот намоянд ва ҳалли саривақтии муаммо ва норасоиҳоро ёбанд. Роҳбарони ҳамаи зинаҳо набояд фаромўш кунанд, ки ислоҳот ва тағйиротҳо дар мамлакати мо ба манфиатҳои халқ нигаронида шудаанд ва ба халқ хизмат кардани идораҳои давлатӣ ба қоидаи қатъӣ ва меъёри асосӣ табдил ёфтааст.

**Маматҷон ТУРДИЕВ,**
**мудири Қабулхонаи халқии Президенти Ўзбекистон дар вилояти Самарқанд.**

Саноат



# КОРХОНАИ НАВ

***Татбиқи Стратегияи рушди Ўзбекистон барои солҳои 2022-2026, ба сатҳи нав баровардани ислоҳоти бунёдӣ, баланд бардоштани ҳуқуқу манфиат, шаъну шарафи инсон вазифаи аввалиндараҷа ба шумор меравад. Ба туфайли саъю ҳаракат ва эътибори роҳбари давлатамон дар минтақаҳо барномаҳои нави сармоягузорӣ амалӣ мегарданд.***

Хусусан, дар ноҳияи Поп, ки дар вилоят саноаташ торафт вусъат меёбад, ислоҳотҳои зиёд ба ҳаёт татбиқ мегарданд.

Дар ин ҷо корхонаи нав, ки маҳсулоти брикети ангишт истеҳсол мекунад, фаъолияти худро сар кард. Ба ин муносибат бо иштироки ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов заводи «Tashkent Trade Center» кушода шуд. Роҳбари вилоят ба сухан баромада, аҳамияти ин лоиҳа ва корхонаи саноатиро таъкид кард.

Дар корхонае, ки қувваи истеҳсолиаш аз 100 ҳазор тонна зиёд аст, ба 150 нафар ҷойи корӣ барпо гардид. Маҳсулоти истеҳсолшуда ба давлатҳои Аврупо экспорт карда мешавад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# ОМЎЗГОРОНИ ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА БО НИЗОМИ ТАЪЛИМИ ҶОПОН ШИНОС ШУДАНД

***Таҷрибаи таълими Ҷопон аз соли 2023 ба сифати санҷиш дар яке аз мактабҳои ҳар кадом шаҳр ва ноҳияи вилояти Фарғона ҷорӣ карда мешавад.***

Бо ташаббуси ҳокимияти вилояти Фарғона ҳайати намояндагони муассисаҳои томактабӣ ва мактабии минтақа аз 28 июн то 5 июл ба Ҷопон сафар кард.

Дар ҷараёни сафар аъзои ҳайат дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёнаи «Коэндзеигакуэн»-и ноҳияи Сугинамии Токио таълими 3-рўза гузарониданд. Аз ҷумла, дар машғулиятҳо оид ба фанҳои физика ва ҷамъиятшиносӣ, математика, тарбияи ахлоқӣ ва ҷисмонӣ, меҳнат ва санъат бевосита иштирок намуданд, бо ҷараёни баргузории дарсҳои омўзгорони ҷопонӣ, муносибати онҳо ва тарзи корашон бобати таълими дониш ва навгониҳо ба толибилмон шинос гардиданд.

Ҳамчунин ташкили хўроки нисфирўзӣ дар мактабҳо, рўбучини синфхонаҳо аз ҷониби хонандагон, фаъолияти маҳфилҳои беруназсинфии назди мактабҳоро омўхтанд.

Дар ҷараёни сафар барои аъзои ҳайат бо коршиносони ҷопонӣ дар соҳаи таълим як қатор машваратҳо баргузор гардиданд. Аз ҷумла бо ҳамдиёрамон Фирўза Норматова, ки солҳои зиёд дар Ҷопон зиндагӣ карда, дар Маркази байналхалқии забони ҷопонии Токио кор мекунад, дар мавзўи «Низоми таълими Ҷопон», муаллим, доктори илмҳои педагогӣ, ходими департаменти таълими префектураи Токио Хидео Идзима дар мавзўи «Тарбияи ахлоқ дар Ҷопон» машваратҳо гузарониданд.

Аъзои ҳайат ҳамчунин аз Донишгоҳи Сока дар шаҳри Хатиодзии префектураи Токио боздид ба амал оварда, ба пояи ҳайкали шоир ва мутафаккири бузург Алишери Навоӣ, ки соли 2004 дар ҳудуди донишгоҳ қад кашидааст, гул гузоштанд. Дар вохўрӣ бо ректори донишгоҳ Масаси Судзуки бинобар ҳамкорӣ оид ба кумаки услубӣ ба омўзгороне, ки дар вилояти Фарғона низоми таълими ҷопониро истифода мебаранд, муоҳида ба имзо расид.

Мувофиқи барномаи сафар намояндагони раёсати таълими томактабии вилояти Фарғона бо фаъолияти боғчаи бачагонаи «Наританиши»-и ноҳияи Сугинами шинос шуданд, ҳамчунин бо низоми таълими томактабии Ҷопон ошно гардида, бо роҳбарияти муассиса табодули афкор намуданд.

Баробари ин аъзои ҳайат дар ҷамъомади умумии ҷамъияти «Ҷопон – Ўзбекистон» иштирок карданд ва ба аъзои ҷамъият бинобар ҷараёни ҷорикунии низоми таълими Ҷопон дар вилояти Фарғона маълумот доданд.

Таъкид менамоем, ки аз ибтидои соли хониши 2023 таҷрибаи таълими Ҷопон ҳамчун санҷиш дар яке аз мактабҳои ҳар кадом шаҳр ва ноҳияи вилояти Фарғона ҷорӣ карда мешавад. Ба ин ҷараён 2 нафар коршиноси ҷопонӣ ҷалб карда шудаанд. Ба нақша гирифта шудааст, ки аз соли хониши 2024 боз 3 мактаб аз 19 ноҳияи вилоят интихоб мегарданд ва ба онҳо низ низоми таълими ҷопонӣ ҷорӣ карда мешавад.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ТОКИО.*

# ҲАМКОРИҲО БО ТУРКИЯ ВУСЪАТ МЕЁБАНД

***Мо дар як замони хеле мураккаб умр ба сар мебарем. Дар вазъи кунунӣ тараққиёт ва пешрафти давлатҳои рў ба тараққӣ ниҳода бе омўзиши таҷриба ва сармояи кишварҳои рушдёфтаи хориҷӣ имкон надорад. Таъмини аҳолӣ ба шуғли доимӣ мушкилиҳо пеш меоварад. Ин аст, ки омўзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва ворид намудани сармояи хориҷӣ ба кишвар муҳимтарин омил аст дар рушду numў ва беҳгардонии вазъи зиндагӣ ва фаровонии мардум.***

Гурўҳи намояндагони соҳибкор ва коршиносон бо сарварии ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов ба Туркия ташриф оварданд. Мақсад боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани ҳамкориҳои саноатӣ, иқтисодию маданӣ, аз наздик шинос шудан бо фаъолият ва имконоту иқтидори корхонаҳо, расондани маълумот оиди имкониятҳои соҳаҳои саноативу тиҷоратии вилоят ва ворид намудани сармоя ба вилоят мебошад.

Намояндагони вилоят бо соҳибкорони турк вохўрӣ намуданд.

Соҳибкорон ва коршиносон бо раиси Палатаи тиҷоратии Анқара Гюрсел Баран музокира намуданд.

Намояндагони вилояти Навоӣ аз минтақаи саноатии Анқара-1 дидан карда, бо сардиректори он Ҷунейт Чарик музокира анҷом доданд. Ҳамчунин, бо имконот ва фаъолияти минтақа аз наздик шинос шуданд.

Минтақаи саноатии Анқара-1 дар соли 1978 ташкил ёфта, беш аз 1000 гектар заминро дар бар мегирад. Дар минтақа истеҳсоли мошинҳои гуногунтамға, маҳсулоти сохтмон, кимиё, электротехника ва дигар маҳсулоти саноатӣ ба роҳ монда шудааст. Дар минтақаи саноатӣ беш аз 300 корхонаи саноатӣ ба истеҳсолот машғул буда, 40 ҳазор нафар бо шуғли доимӣ таъмин мебошанд.

Намояндагони вилоят ба Палатаи тиҷоратии Ғозиёнтеп низ ташриф оварданд. Дар ин ҷо бо иштироки намояндагони вилоят ва намояндагони беш аз 50 компанияи тиҷоратии турк бизнес-форум баргузор гардид.

Намояндагони вилоят аз компанияҳои «Tolkar», «ARCAN MACHINERY», «Petrofer», «Memorial hos-pital» дидан намуданд ва муваффақ шуданд, ки бо компанияи «Bioa-nalytik» ба миқдори 70 миллион доллар шартнома имзо кунанд. Ин компания дар вилояти Навоӣ корхонаи истеҳсоли асбобҳои тиббиро бунёд мекунад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Бо ташаббуси Президент 20-уми август — Рўзи соҳибкорон муайян шудааст. Дар ин рўз бо соҳибкорон вохўрӣ гузаронданди роҳбари давлат низ ба ҳукми анъана даромадааст.***

# 382 МУРОЧИАТИ СОҲИБКОРОН ҚАБУЛ ГАРДИД

Дар арафаи вохўрии имсола, дар садорати вилоятии Палатаи савдою саноат штаби мутобиқгардонии мурочиатҳои соҳибкорон ташкил карда шуд. Ба штаб (ба ҳайати он вакилони ташкилотҳои ба соҳа масъул дохил гардидаанд) соҳибкорони вилоятамон даҳҳо мурочиат карданд.

Бино ба ҳолати 8-уми июли соли 2024 аз соҳибкорон 382-то мурочиат расидааст ва 302-тои онҳоро баррасӣ намуда, 129-тоашро ба таври мусбат ҳал кардаанд. 179 мурочиатро мутахассисон меомўзанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## ХАБАРҲО

### ҲАМКОРӢ ДАР АМНИЯТИ ҲАРАКАТИ РОҲ

***Таъмини бехатарии роҳ ва ба танзим андохтани ҳаракати автомобилҳо аз масъалаҳои ҷиддии рўз буда, тақозо мекунад ҳаллу фасли он бо иштироки қувваҳои байналхалқӣ низ ба амал бароварда шавад.***

Навъе хидмати матбуоти амнияти ҳаракати роҳҳои ВКД хабар медиҳад, намояндагӣ иборат аз мутахассисони идораи рушди инфрасохтори нақлиёти роҳи шаҳри Маскав ба Тошканд ташриф овард. Мақсади асосии ташриф – кумак ба такмили сохтори идоракунии ҳаракати роҳ ва таъмини бехатарӣ.

Мутахассисони русиягӣ дар давоми ҳафта ба ҳолати нақлиёти пойтахти Ўзбекистон шинос мешаванд ва барои ходимони хидмати амнияти ҳаракати роҳ тренингҳо мегузаронанд. Дар чорраҳаҳо ҷараёни нақлиётиро назорат мекунанд, чӣ тавр кор кардани чароғакҳои раҳнаморо месанҷанд, ба амният чӣ тавр таъсир расондани васоити техникиро меомўзанд. Оиди ба роҳ гузоштани ҳаракатҳои боз ҳам қулай ва бехавф тавсияҳо медиҳанд.

Корҳое, ки якҷо бурда мешаванд, умед аст ба боз ҳам беҳтар шудани ҳолати нақлиёти Ўзбекистон сабаб гарданд, барои ҷорӣ намудани таҷриба ва технологияҳои пешқадам имкониятҳои васеътар фароҳам оваранд.

### ЯК РЎЗИ ХУБ ВА ФАРОМЎШНОПАЗИРИ БАЧАҲО

***Чиҳил нафар бачаҳои аз 5 то 15-сола аз маҳаллаҳои Оқтом ва Тўлабеки ноҳияи Тошканд бо ташаббуси ҷамоаи ихтиёриёни «Ту ба дунё даркорӣ» ба саёҳати шаҳри Тошканд баровара шуданд.***

Тамошои Боғи ҳайвонот, қасри ях, боғҳои истироҳатӣ ва зиёрати масканҳои муқаддас ба бачаҳо як олам таассурот бахшид. Аксияи «Як рўзи меҳр» ба хушу хуррам ва пурмазмун гузаштани вақти бачаҳое шароит фароҳам овард, ки аксарият ба меҳр ташна буда, фарзандони оилаҳои камтаъмин мебошанд. Ба футболкаҳое, ки бачаҳо ба бар доштанд, бо ду забон навиштаҷоти «Ту ба дунё даркорӣ» сабт ёфта буд.

Лоиҳаи хайрияи «Ту ба дунё даркорӣ» соли 2019 ташкил ёфтааст. Алъон дар шаҳри Тошканд ва вилояти Фарғона фаъолият мебарад. Ҷамоа ихтиёриёнеро фаро гирифтааст, ки соҳиби касбу корҳои гуногунанд.

### КОРХОНАИ ПАНЕЛҲОИ ОФТОБӢ ДАР ҚАРШӢ

***Дар шаҳри Қаршӣ бо иштироки ҳамкорҳои чиноӣ корхонаи панелҳои офтобӣ барпо карда мешавад.***

Барои сохтмон 2 гектар майдони Минтақаи озоди иқтисодии Қаршӣ ҷудо карда шудааст. Арзиши умумии лоиҳа 13 миллион доллари ИМА-ро ташкил менамояд. Арзиши умумии худи ускунаҳои истеҳсолӣ бошад, 1,4 миллион доллар аст. Назар ба хабари хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Қашқадарё 65 фоизи лоиҳа ба ҳисоби худи сармоягузорони маҳаллӣ мувофиқ меояд. Интизор меравад дар чаҳоряки охири соли равон корхона мавриди истифода гардад. Дар натиҷа 150 ҷои нави корӣ офарида мешавад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Дар ҳудуди Толлии ноҳияи Шўрчии вилояти Сурхондарё бинои наву замонавии хидматрасонии тиббӣ – шифохонае, ки ба 25 ҳазор аҳолии маҳаллаҳои Гулистон, Олиҳиммат, Толлӣ, Шакаркўл ва Конобод хидмат мерасонад, ба истифода дода шуд.***

# БУНЁДИ МАСКАНИ ТИББӢ

Қабл аз бунёди ин маскани тиббӣ бошандагони маҳаллаҳои мазкур бобати табобати бемориҳояшон азият мекашиданд. Зеро, маҳаллаҳои мазкур ҳарчанд ки аз маркази ноҳия чандон дур ҷойгир нестанд, вале ба кумаки таъҷилии тиббӣ ниёз доштанд. Яъне, бино ба талаб ҷавобгў набуд. Инак, чунин бино, ки дорои ду шуъба: кўдакон ва валодат мебошад, барпо гардид, ки дар бунёди он 2 миллиарду 400 миллион сўм маблағ масраф шуд.

– Дар қишлоқҷойҳо бунёд ёфтани чунин шифохонаҳои замонавӣ, ки ҳам ташхис ва ҳам табобат ба роҳ монда шудаасту шифокорони варзида ба мардум хидмати тиббӣ мерасонанд, натиҷаи ғамхориҳои ҳукумат мебошад, ки мо аз ин фақат шукрона карданамон лозим, – гуфт сардухтури бемористони маркази ноҳия Шерзод Одинаев.

Ҳоло дар ин маскани тиббӣ 54 нафар шифокорону ходимони тиб фаъолият мебаранд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# СЕХИ НАВИ МАҲАЛЛА

Бо мақсади ба амал татбиқ кардани қарори Президент аз 21 сентябри соли 2022 «Дар бораи чораҳои иловагии афзун гардондани бо кор таъминшавии занону духтарон ва мустаҳкам намудани саломатии онҳо» дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Навбаҳор»-и ноҳияи Қаравулбозор сехи нав ба кор даромад.



Соҳибкори ҳудуд Гулбаҳор Ҷўраева дар хонаи бекорхобидаи бинои маҳалла бо ҳуқуқи истифодабарии бемузд фаъолияти дўзандагии худро ба роҳ монд.

Дар натиҷа дар ин ҷо ҷомаҳои миллии халқҳои Ўзбекистону Туркманистон, кофта (нимча), кўрпаю болин ва либосҳои бонувон истеҳсол карда мешавад. Дўзандаи моҳир Г. Ҷўраева панҷ нафар бонувонро шогирд гирифта, ба онҳо ҳунар меомўзад.

Аҷибаш дар он ки худи вай чанд сол муқаддам шомили «Дафтари бонувон» буду дар асоси субсид ба ў мошини дарздўзӣ инъом карда буданд. Азму кўшиш ниҳоят Гулбаҳорро комёб кард. Вай бо аҳли оилааш барои ин ғамхорӣ аз сарвари давлат сипосгузор аст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ИТТИФОҚИ КАСАБА МАНФИАТИ БОНУВОНРО ЧӢ ХЕЛ ҲИМОЯ МЕКУНАД?

***Ба наздикӣ дар Хонаи матбуоти вилояти Самарқанд бахшида ба корҳое, ки иттифоқҳои касаба бобати ҷалби занону духтарон ба туризми дохилӣ, инчунин, солимгардонии бачагон дар истироҳатгоҳҳо амалӣ мегардонад, анҷумани матбуотӣ баргузор гардид.***

Моҳҳои январ-июли соли равон дар доираи барномаи «Дар саросари Ўзбекистон саёҳат намо!», ки барои ривоҷдиҳии сайёҳӣ дар сохтори иттифоқи касаба нигаронида шудааст, саёҳати 13 271 нафар занону духтарон ба саросари кишвар ташкил гардид. Аз ҷумла, 8878 нафар бонувон аз мавзеъҳои сазовори диққати минтақаҳои худ дидан ва 4393 нафар ба шаҳрҳои таърихии мамлакатамон саёҳат карданд, – гуфт раиси шўрои вилоятии Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон Сўҳроб Рафиқов.

– Инчунин, сафари серўзаи 852 нафар кормандони корхонаву ташкилотҳои гуногун ва аъзои оилаи онҳо ба шаҳри Хоразм ва саёҳати дурўзаи 299 нафар ба шаҳри Тошканд ташкил карда шуд.

То анҷоми сол боз ташкили саёҳати 900 нафар ба Хоразм ва 250 нафар ба шаҳри Тошканд дар назар аст.

Зикр гашт, ки дар мавсими тобистон дар 16 истироҳатгоҳи статсионарии вилоят ташкили истироҳати 9610 нафар бачагон пешбинӣ шудааст. Ҳоло дар назди Департаменти ташкили истироҳат ва солимгардонии бачагони тобеи Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон 11-то, дар назди шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Ҷомбой истироҳатгоҳи «Қалдирғоч», дар ноҳияи Пахтачӣ истироҳатгоҳи «Хумор», инчунин, дар ноҳияҳои Ургут ва Каттақўрғон истироҳатгоҳҳои хусусии «Дўстлик» ва «Баркамол авлод» фаъолият доранд.

Дар анҷумани матбуотӣ дар бораи солимгардонии кормандони корхонаву ташкилотҳо ва аъзои оилаи онҳо дар сиҳатгоҳҳо, кор бо мурочиати шаҳрвандон, ҳифзи иҷтимоии бонувон ва рафти корҳо аз рўйи «Дафтари бонувон», инчунин, таъмини шуғли занону духтарон низ маълумот дода шуд.

**Ҳ. ЗОҲИР.**

Ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик»

# ТАМАННОИ МО

Боиси ифтихору хушнудист, ки нашрияи машҳури Осиёи Марказӣ – «Овози тоҷик», ки таърихи ғаниву рангин дорад, ҷашни фархундаи 100-солагии таъсисёбии хешро истиқбол мегирад. Рӯзнома ба шарофати талошҳои эҷодии равшанфикрону ҷадидҳои замон дар Самарқанд таъсис ёфт. Тӯли ин солҳо рӯзнома анъанаҳои неки наслҳои пешинро ҳифз карда, замони пурсамару хотирмонро тай намудааст.

Солҳои таҳсил дар мактаби миёнаи рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд аъзои маҳфили «Адабиётчиёни ҷавон» будем ва устод, шоири зуллисонайн Бердӣ Ҳамроев (рӯҳашон шод бод!) ба мо аз рӯзномаи «Овози тоҷик « шеъру ҳикояҳои тозанашрро қироат карда, меҳру муҳаббатамонро ба нашрия афзун мекарданд.

Нахустин хабари ман дар ин рӯзнома соли 1968 рӯйи чопро дид. Ҳамдабистонони мо Адаш Истад, Нормурод Каримзода, Бахтиёр Ҷумъа, Зоҳир Ҳасанзода, Хуршед Қамар ва дигарон низ бо матбуоти даврӣ ҳамкорӣ доштанд, ки дертар ҳамчун адиб, хабарнигор ва муҳаррир шинохта шуданд.

Соли 1990 рӯзномаи «Овози Самарқанд» таъсис ёфт, ки ман гоҳ-гоҳ хабару мақолаҳои хешро ба он ирсол менамудам. Рӯзе муҳаррир, раҳматӣ Нор Остонзода ба идораи хоҷагии мо занг зада, хоҳиш кард, ки ба идораи рӯзнома равам.

– Мирсафо, матолибе, ки ба рӯзномаи мо ирсол мекунед, бо ҳусни хати хуб ва бо риояи пурраи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта шудаанд, – иброз дошт ӯ. – Ман мушоҳида намудам,ки шумо одами пухтакор, босавод ва донандаи жанрҳои журналистика ҳастед. Пӯсткаллаи гап ҳамин, ки шуморо ба кор таклиф мекунем. Ман ба раиси хоҷагӣ мактуб навишта, он касро розӣ мекунам...

Ана ҳамин тавр ҳаёти ман бо матбуот вобаста шуд ва то нафақа «чангу бӯй»-и рӯзномаро хӯрдам.

Ҳоло даврони пирӣ меронам, аммо мутолиаи нашрияҳои даврӣ ҷону дилам аст.

Ба бахти ман, ба маркази маҳаллаи Чунгули ноҳияи Самарқанд ройгон чанд нусха «Овози тоҷик» меояд. Ман онро гирифта, бо маводи хонданибобаш шинос мешавам. Навиштаҳои Абдулло Субҳон, Муҳаммадҷон Шодӣ, Паймон, Саодат Бекназарова, Амрулло Авезов, Шариф Халил, Ўзбакбойи Раҳмон, Мирасрор Аҳроров, Зоҳир Ҳасанзода ва дигарон ҷолиби диққатанд.

Агар нек бингарем, мебинем, ки шахсони номдори Ўзбекистон, Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон, адибон, шоирон, олимон, варзишгарон, аҳли фарҳанг муаллиф ё қаҳрамонони асосии маводи «Овози тоҷик» ҳастанд.

Афсӯс мехӯрам, ки баъзе ҳамзабонони мо ба масъалаи рӯзнома аз паси панҷа менигаранд, вале ба дабдаба, харидҳои гаронбаҳо, ташкили маъракаҳои ҳайратовар маблағҳои зиёд харҷ намуда, худнамоӣ мекунанд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки рӯзнома, маҷалла ва китобҳо таъриханд. Масалан, дар бойгонии ман рӯзнома ва маҷаллаҳои чопӣ аз солҳои 1970 то имрӯз маҳфуз мебошанд. Дар байни онҳо «Овози тоҷик», ки нахустин хату хабарҳои ман дар онҳо чоп шудааст, ба назарам ниҳоят гаронбаҳо ва пурқиммату дилнишин метобад.

Бо ин санаи таърихӣ ҳайати эҷодӣ, хонандагони арҷманди «Овози тоҷик»-ро табрику таҳният гуфта, таманнои онро дорем, ки рӯзнома ҳазорсола шаваду кам набошад!

**Мирсафо КАМОЛӢ,**
**собиқадори матбуот.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*



*Истироҳатгоҳи миллии ба номи Заҳириддин Муҳаммад Бобури шаҳри Андиҷон дар қисми ҷанубу шарқии мавзеи Боғишамоли шаҳр қарор дорад. Майдони истироҳатгоҳ аз 357 гектар иборат буда, соли 1973 ташкил шудааст.*

*Мутасаддиён таъкид менамоянд, ки ҳар рӯзи тобистон ба ин ҷо 2-4 ҳазор нафар ҳамдиёрон ва сайёҳони хориҷӣ ташриф меоранд.*

*Барои хуб истироҳат кардани онҳо ҳамаи шароитҳо офарида шудааст.*

*Ғайр аз ин, дар майдону саҳнаҳои истироҳатгоҳ ҳар рӯз чорабиниҳои шавқовар ва барномаҳои консертӣ баргузор мегардад.*

***Дар сурат:** дар истироҳатгоҳи миллии ба номи Бобури шаҳри Андиҷон.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

*Аниси кунҷи танҳоӣ*

# КИТОБ – МОЯИ РУШДИ МАЪНАВИИ ИНСОН

Рӯзе бобоям аз кӯча бо чеҳраи гирифтаву димоғи сӯхта вориди ҳавлӣ шуданд. Ман саҳни ҳавлиро рӯфта, хоку хасрӯбаҳоро ҷамъ мекардам. Дарҳол ҷуръат накардам пурсам, ки чӣ ҳол рух додааст. Аз чойнаки болои кат як пиёла чойи хунук рехта, ба бобоям дароз кардам. Бобоям бо ҳамон димоғи сӯхта чойро нӯшида, камтар ба худ омадагӣ барин шуданд. Маълум буд, ки кори касе дар кӯча ба он кас нафоридааст.

– Магар шуморо касе хафа кард, бобоҷон? Охир, дар ин маҳалла ҳама аз рӯи ҳурмат ба шумо муносибат мекунанд, – оҳиста ба бобоям наздик шуда, меҳрубонона, пурсидам. Ба ин васила хостам, ки озурдагиашонро андак рафъ кунам ва аз аспи ҷаҳл фарорам.

– Ҳайронам, ки чаро баъзе мардҳо беадабии писаронашонро дидаву дониста онҳоро аз роҳи бад намегардонанд. Ҳатто як даҳан «Ин корат дуруст не, писарам. Рав, аз пайи корат шав, ҷангу мунокиша кори одами боақл нест!» намегӯянд, – дил кафонд бобоям.

Аз рӯи гапи он кас фаҳмидам, ки дар гузари маҳалла байни ду ҷавон мунокиша сар задааст. Баъд ин мунокиша аз даҳанакӣ ба занозанӣ гузаштааст. Падари яке аз ҷавонон ин ҷанҷолро мушоҳида карда, лом-мим нагуфтааст. Шояд гумон кардааст, ки писараш зӯри маҳалла аст ва дар як он ҳарифашро ба замин хобонидаву лагадкӯб мекунад. Аммо кор ранги дигар гирифтааст ва писари «зӯр»-и вай аз дасти рақиби худ нағзакак шатта хӯрда, рӯ ба гурез овардааст.

– О, дадош-е, ду ҷавон байни худ ҷанг кунанд, ба шумо чӣ? Бе ҳамин ҳам фишори хунатон гоҳ-гоҳ нооромм мекунад, агар чунин ҳодисаҳо аз пешатон бароянд, дарҳол худро дур кунед, – гуфт бибиҷонам бо меҳрубонии ба худ хос. Баъд афзуд, ки хӯрок тайёр шудааст ва ҳама сари дасторхон ҳозир шавем.

Бибиҷонам барои кашидани хӯрок ба ошхона даромад ва ман аз оринҷи бобоям дошта, ҳамроҳашон сӯи кати рӯи ҳавлӣ рафтем.

Бобои ман бисёр одами хубанд, манманиву калонгариро намеписанданд. Он кас тамоми умр ронанда шуда кор кардаанд ва бо меҳнати ҳалол панҷ фарзандро хӯрондаву пӯшонидаанд. Шукр, ки дар байни мардуми деҳу маҳалла сазовори обрӯву эҳтиром ва эътибор ҳастанд. Ҳамеша моро ба боадаб, ботамиз ва боақлу фаросат будан даъват мекунанд.

Мавлоно Ҷомӣ фармудааст:

*Ҷон дар тани марди беадаб*
*ларзон аст,*
*Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ,*
*арзон аст.*
*Аз беадабӣ касе ба мақсад*
*нарасад,*
*Зеро, ки адаб тоҷи сари*
*мардон аст.*

Ман беҳуда ҳолати бобоямро мисол наовардам. Устодонамон дар мактаби миёна ва ҳоло, дар донишгоҳ батакрор мегӯянд, ки барои адаб омӯхтан китоб низ хондан шарт ва зарур. Зеро адабро донишмандон нури илоҳӣ арзёбӣ кардаанд.

Дар донишгоҳ баъзан духтарон аз сахтгапӣ ва шилқинии як идда ҷавонон шикоят мекунанд. Ин гуна ҷавонон номи донишҷӯро доғдор месозанд. Шояд дар хонавода падару модар барояшон дарси дурусти одоб наомӯхтаанд ва панду насиҳат накардаанд, ки одоб ҳусни онҳоро меафзояд. Ин маънӣ дар факулта рӯзҳои чоршанбеи ҳар ҳафта зимни мулоқот бо одамони касбу кори гуногун, хусусан аҳли адабу фарҳанг ба такрор гӯшрас мешавад.

Бадриддини Ҳилолӣ фармудааст:

*Адаб маҷмӯаи ҳусну ҷамол аст,*
*Баҳоре дар камоли эътидол аст.*

Ба назари мани ҳанӯз ҷавон чунин менамояд, ки ҳар як байту гуфтори адибони маъруф, мисли Абӯабдулло Рӯдакӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Шоҳин ва чанд тани дигар саршор аз панду ҳикмат ва насиҳат иборат аст ва моро ба сӯи камолот ва равшангароӣ ҳидоят мекунад. Дар бораи одобу ахлоқ Шамси Табрезӣ фармудааст:

*Пеши арбоби хирад мояи имон*
*адаб аст,*
*Лоҷарам пешаи мардони сухандон*
*адаб аст.*

Хондани китоб ҳамеша ҷомеаро ба пеш мебарад. Шахси китобхон бофарҳанг, ё ба истилоҳи мардуми омӣ, шахси бомаданият ҳисоб меёбад. Шоирону нависандагон китобҳои зиёд таълиф ва бо машаққат онро интишор мекунанд, вале теъдоди китобхонҳо ангуштшумор аст. Дар гулгашту хиёбонҳои шаҳри Фарғона кас ҷавонеро дучор намешавад, ки машғули китобхонӣ бошад. Дар воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ низ вазъият чунин аст.

Момои модариям – Шаҳрихон солҳои дароз китобдори мактаб шуда кор кардаанд. Бино ба нақлашон то хатми мактаби миёна китобҳои «Самаки айёр», «Саёҳати Синдбоди дарёгард», «Афсонаҳои халқи тоҷик» ва дастикам бист роману повест ва ҳикояҳои адибони муосир, мисли устод Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Пӯлод Толис, Фазлиддин Муҳаммадиев ва амсоли онҳоро хондаанд. Касбу коре, ки машғули он ҳастам, тақозо мекунад, ки бештар китоб хонам. Зеро китоб мояи рушди маънавии инсон ва омили ҳамаи пешравиҳои ӯст.

**Фархундаи РАВШАНЗОДА,**
**донишҷӯ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ШИФОКОРОНИ САМАРҚАНДӢ ДАР ЧИН БУДАНД

**Ҳайати соҳаи тандурустии вилояти Самарқанд ба ноҳияи автономии Шинҷон–Уйғури Чин рафтанд.**

— Ҳоло Хитой аз ҷумлаи кишварҳое маҳсуб меёбад, ки соҳаи тиб хеле рушд кардааст, — гуфт сарвари садорати ҳифзи тандурустии вилоят Сӯҳроб Зайниев. — Дар ин кишвар аз таҷҳизоти замонавии тиббӣ босамар истифода намуда, амалиётҳо тавассути технологияҳои муосир роҳандозӣ шудааст. Ҳамзамон, солҳои охир табобати халқӣ ривоҷ ёфта, беморонро ба ҷойи доруворихҳои кимиёвӣ, бо маҳсулоти табиӣ табобат мекунанд. Дар коллеҷи тиббии Шинҷон омодасозии кадрҳо аз рӯйи табобати халқӣ ба роҳ монда шудааст. Дар рафти мулоқот бо ҷонишини раиси Шӯрои машваратии сиёсии халқии шаҳри Қарамой Ли Гуо Луан, роҳбари Кумитаи ҳифзи тандурустии шаҳри Қарамой Чжу Хуа ва дигар масъулон масъалаҳои беҳсозии сифати хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, телемедитсина, роҳандозии ҳамкорӣ дар табобати халқӣ, бозомӯзии фосилавии кадрҳо ва фароҳам овардани имкониятҳоро барои табодули таҷриба баррасӣ карданд.

Дар анҷоми муҳокимаҳо байни Кумитаи ҳифзи тандурустии шаҳри Қорамой ва Садорати ҳифзи тандурустии вилоят, инчунин, шифохонаи марказии шаҳри Қорамой ва Маркази тиббии бисёрсоҳаи вилоят меморандумҳои ҳамкорӣ имзо гардиданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**



## ТОБИСТОН БОФАРОҒАТ МЕГУЗАРАД

*Имрӯзҳо дар фароғатгоҳҳои вилояти Намангон бачагон шоду масрур истироҳат мекунанд. Хусусан, дар истироҳатгоҳҳои солимгардонии «Нанай», «Заркент», «Оби ҳаёт», «Бунафша», «Соҳил», «Норин» ва «Меҳргон», ки аз тарафи Федератсияи иттифоқҳои касабаи вилоят ташкил карда шудааст, бачагони намангонӣ таътили тобистонаро бофароғат мегузаронанд.*

*Барои онҳо ҳамаи шароит ва имкониятҳо фароҳам оварда шудааст.*

*Барои фаъолият дар истироҳатгоҳҳо дар мавсим ҳамагӣ 1263 нафар бачагон ҷалб карда мешавад. Бо мақсади таъмини осоиштагӣ ва бехатарии мавсим ходимони садорати корҳои дохилӣ, ҳифзи тандурустӣ ва кормандони масъул ҷалб гардидаанд. Дар ин масканҳо педагог ва мутахассисон дар асоси нақшаи тартибдода фаъолияти корӣ мебаранд. Маҳфилҳои «Эҷодкори ҷавон», «Ихтироъчии ҷавон», «Китобхони ҷавон» ва «Конструктори ҷавон»-ро ташкил карда, бачагонро ба он ҷалб кардаанд.*

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

*Хайриддин СУЛТОН*

# ГУЗАРГОҲИ ДИЛ

### ТУ АЗ КУҶО МЕДОНӢ?

– Баъде «Девони ҷавонӣ» аз чоп баромад, – гуфта ҳикоя карда буд Эркин Воҳидов, – рӯзе тағоям Карим Сахибоев, ки маро ба ҷои падар буд, ба ин муносибат қарибони худро ба хонааш даъват кард.

Ҷӯраҳояш кӣ гӯед, уламои машҳур, арбоби сиёсӣ Алихонтӯра Соғунӣ, ҳофиз-бародарон Шоҷалиловҳо, Маъруфхоҷа Баҳодуров, шоир Чустӣ...

Ҳамаашон одамони мадрасадида. Ман чой кашонда, аз пайи хизматам.

Як вақт сухан омада, ба «Девони ҷавонӣ» гиреҳ хӯрд. Ҳамсуҳбатҳо яке гирифтаву яке монда, ба таърифи китоб сар карданд. Фикри ҳама аз як ҷо мебаромад, яъне дар девон ишқи илоҳӣ суруда шудааст, ба сифати ёр, дилбар, ҷонон, аввало, Худо мадҳ шудааст. Ин аз оғози гардиши бузург дар эҷоди Эркин Воҳидов далолат медиҳад.

Дар аввал гап назада, бoодобона чой рехта нишастам. Аммо чун сухан чуқур мерафт, хавотир кашидам. Чӣ набошад, узви ҳизб, муовини сармуҳаррири нашриёти комсомол мебошам. Худо нишон надиҳад, агар ин гапҳо пагоҳ ба ягон ҷо рафта расад...

Барои ҳамин хостам ба масъала равшанӣ андозам.

– Ин машқҳо як ҳавас, баҳои калон додед, раҳмат, – гуфтам, – аммо муаллиф ин гуна мақсадҳои бузургро назди худ нагузоштааст. Дар ғазалҳо эҳсоси одии инсонӣ, муҳаббати беғубори ҷавонон, меҳру садоқати онҳо тасвир ёфтаасту халос.

Ин суханони ман ба тағоям, ки як умр ходими адлия ва довар буд, узви Суди олӣ ҳам будааст, хуш наомад.

– Ту, ки ҳанӯз хеле ҷавон, аз куҷо медонӣ, ки дар китоб чӣ навишта шудааст? – гуфт вай ҷигот андохта.

### НИШОНДОДИ НАМУНАВӢ

Раиси Иттиҳоди нависандагон Сарвар Олимҷонович Азимов дар беморхона муолиҷа мегирифт. Якҷо бо сармуҳаррирамон Эркин Воҳидов барои аёдат ба беморхонаи рақами якуми ҳукуматӣ рафтем.

Сарвар Азимов назар ба эҷоди адабӣ ба сифати арбоби давлативу ҷамъиятӣ бештар шинохта шуда, дар вазифаҳои баланд фаъолият бурдааст. Пеш аз ба иттиҳодия раис таъин шудан вай дар мамолики Шарқи Наздик ҳамчун сафири фавқулода ва мухтори Иттиҳоди Шӯравӣ фаъолият бурда буд.

Сарвар Олимҷонович ва Эркин Воҳидов дар мавзӯъҳои гуногун суҳбати самимӣ ва кушод оростанд. Ман ба онҳо чой рехта, чун сомеъ менишастам.

Дар аснои суҳбат оиди вазъи ҳозираи забони ӯзбекӣ сухан рафт. Раиси иттиҳодияамон дар хусуси як воқеаи ғалатӣ бо сӯзу гудоз ҳарф зад.

– Медонед, Эркинҷон, – гуфт вай, – ба наздикӣ шунидам, ки дар Институти давлатии маданияти Тошканд кафедраи забон ва адабиёти ӯзбекро барҳам додаанд. Ҳайрон шуда, ба ректори институт занг задам. Хабаратон ҳаст, вай одами таҷрибанок, ки пештар чун вазири маданият кор кардааст. Сабаби воқеаро пурсам, медонед, чӣ гуфт? «Э, Сарвар Олимҷонович, пеш аз ба институт омадани ман ҳамаи корҳо расво шуда будаанд. Ректори пештара ба қонун-қоидаи одӣ ҳам риоя накарда, худсарона фаъолият мебурдааст. Масалан,ба нишондоди намунавӣ доир ба фаъолияти институтҳои маданиятро, ки аз ҷониби Вазорати маданияти СССР тасдиқ шудааст, нигарам, дар он ҳеҷ гуна кафедраи забони ӯзбекӣ нест. Худатон гӯед, Сарвар Олимҷонович, кӣ ҳақ дорад нишондоди намунавии Маскав тасдиқнамударо вайрон кунад? Барои ҳамин ҳеҷ киро рӯйихотир карда нанишаста, к чёртовой матери гуфтаму кафедраро пӯшидам, – гуфт ӯ худро таърифкунон. Хӯш, Эркинҷон, ба ин бедодӣ шумо чӣ мегӯед?

Ин гапро шунида, ману Эркинака ҳангу манг шудем.

Сарвар Олимҷонович оҳе кашид ва ба суханаш давом дод:

– Ман аз ҷаноби ректор пурсидам: «Дар нишондоди намунавии Институти давлатии маданияти Маскав кафедраи забон ва адабиёти рус будааст ё не?»

– «Албатта, ҳаст, – ҷавоб дод ректор, – ин кафедра дар институти мо ҳам ҳаст. Ман штатҳои онро васеъ кардам».

Мана, дида истодаед савия ва фаҳмиши вазири маданиятамон, ректорамонро. Вақте вазъ ҳамин, аҳволи забони ӯзбекӣ чӣ мешавад? – гуфт раиси Иттиҳодиямон бо афсусу надомат.

Сукунати вазнин доман густурд.

– Акнун худи домулло-ректорамон ҳам ректори «намунавӣ» будаанд-да, – гуфт Эркинака хандида.

Ғароибаш ин ки худи ҳамин ректор сонитар, баъде ҳукумати шӯравӣ сарнагун гашт, дар мавзӯи ҳифзи арзишҳои миллӣ рисолаи докторӣ ҳимоя намуд.

### БАЛКИ БАЪДТАР БИХОНАД

Аз ин воқеаҳо як-ду сол пештар Озодака (Озод Шарофиддинов), Шавкат Раҳмон ва ман ба сафари эҷодӣ ба вилояти Хоразм рафта будем. Солҳои бозсозӣ, ба замми ин дар Ўзбекистон пропагандаи атеистӣ низ авҷ гирифта буд.

Дар ноҳияи Шовот арбоби машҳури воҳа Маркс Ҷумъаниёзов котиби аввали райком будааст. Вай дар сарҳад моро пешвоз гирифта, дарҳол ба сохтмонҳои нав ва корҳои ободонӣ дар ноҳия шинос намуд.

Дар ҳудуде элеватори калони дон барпо мешудааст, моро аввал ба ҳамон ҷо бурд.

– Ҳафтаи гузашта Инъомҷон Бузрукович* омада ба ҳамин объект шинос шуда рафтанд, – гуфт бо рӯҳияи баланд Маркс Ҷумъаниёзов, – кай ба кор андохта мешавад, гуфта пурсиданд. Ман гуфтам, Худо хоҳад ба иди октябр. Он кас «Маркс Ҷумъаниёзович, «Худо» гуфта истодаед, ин гапатонро Раъно Ҳабибовна** шунида монад, чӣ мешавад?» гуфтанд бо табассум. Ман ҳам суст наомадам. Дар ҷавоб гуфтам, ки «Инъомҷон Бузрукович, агар шумо рафта нагӯед, Раъно Ҳабибовна ин гапро аз куҷо мешунавад?»

Баробар хандидем. Баъд котиби райком моро ба базаи бӯрдоқипарварӣ, карери шағал ва дигар ҷойҳо шинос намуд.

Наздики чошт ба бинои райком ворид шудем. Дар болои мизи кабинети Маркс Ҷумъаниёзов китоби калоне дар ҳоли кушода мехобид. Озодака аз рӯйи одати доимиаш ба чи хел китоб будани он таваҷҷуҳ кард.

– «Қутадғу билиг», – гуфт Марксоғо бо оҳанги бепарво. – Гоҳ-гоҳ дар вақти холигиам варақ мезанам. Имрӯз саҳифаи 37-умро хондам, ки дар бораи деҳқонон аст, зӯр навишта шудааст.

Озодака аввал ба соҳиби кабинет, пас ба ману Шавкат Раҳмон бо тааҷҷуб нигарист: нигаред, чӣ хел хондагӣ, бамаърифат райкомҳо дорем!»

Баъди суҳбати кутоҳ дар кабинет, Маркс Ҷумъаниёзов ба ҷамъомади Урганҷ рафтанашро гуфт ва узр пурсид. «Бегоҳ албатта вомехӯрем», гуфта хайрухуш намуд.

Мо ҳамроҳ бо раиси комиҷроия ба ҳаёти ноҳия шиносшавиро давом додем. Дар ду ҷо вохӯрӣ ба амал омад.

Озодака дар ҳама ҷо маърифатпарварӣ ва китобдӯстии котиби аввалро мегуфт, ӯро ба дигарон чун намуна нишон медод.

Ману Шавкат, нигилист мегӯед моро ё скептик, коре карда, ба сифати авлоде, ки ба ҳар чиз бо шубҳаву гумон менигарад, ба ҳаракати театронаи райкомбобо табиист, ки бовар накардем. Чунки, аввало, «Қутадғу билиг» дар Ленинград бошад ё дар Маскав бо адади хеле кам чоп шуда, ноҳияи дурдаст он тараф истад, ёфтани он дар китобхонаҳои Тошканд низ амри маҳол буд. Дарёфт шавад ҳам хонданаш ва фаҳмиданаш – кори мушкил. Дигар ин ки як амалдори калон, ки ташвишаш аз ҳар чӣ зиёд, дигар корҳояшро монда, айнан рӯзе, ки домулло Озод Шарофиддинов меояд, дар кабинети худ «Қутадғу билиг»-ро хонда нишастанаш... Боз кушодагии саҳифаи 37-ум, ки дар васфи деҳқонон аст, ҳолате менамуд, ки ақл бовар намекард.

Бегоҳ, баъде ба меҳмонхона баргаштем, ба домулло дар ин бобат гуфтем.

– Чёрт побери, ки медонад, балки сухани шумо дуруст аст, – гуфт вай. – Балки ӯ аз ростӣ одами китобхон. Чӣ набошад ҳам шахсан барои ман худи ҳамин факт хеле муҳим. Канӣ, таъриф кардан гирем, «Қутадғу билиг»-ро ҳозир нахонда бошад, аҷаб нест баъди гапи мо шарм дошта, варақ занад.

Аз байн солҳо гузашт. Маркс Ҷумъаниёзовро аз наздик шинохта, ба донандаи таърих ва маданияти Хоразм, ватанпарвари диёри худ будани ӯ бовари комил ҳосил кардам. Барои шубҳаи онвақтаам хиҷолат кашидам.

### БА ҶАВОНОНУ ПИРОН НАРАСЕД

Шоири меҳнатқарин ва хоксори мо Гулчеҳра Ҷӯраева дар маҷаллаи «Ёшлик» мудири шуъбаи назм, айни замон котиби ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ буд.

Рӯзе апа ба наздам даромад.

– Хайриддинҷон, дирӯз дар райком моро ба ҷавонон эътибор намедиҳед, гӯён нағзакак танқид карданд, – гуфт табассумомез. – Бо Эркин Воҳидович дар ин хусус маслиҳат кардем. Он кас фармуданд бо шумо гап занам ва ҳуҷҷатҳоятонро тайёр намоям. Шумо котиби масъул, яке аз роҳбарони маҷаллаи моед, лозим аст ҳатман дар сафи ҳизб бошед.

Коммунисти ленинчӣ шудан ба гӯшаи хаёлам надаромада буд, барои ҳамин узр пурсидам:

– Апаҷон, боварии шумову Эркинака барои ман шарафи калон, аммо ман барои ба сафи ҳизб даромадан тайёр нестам, ҷавонӣ мекунам.

– Ба чанд даромадед? – пурсид апа бо меҳрубонӣ.

– Ба сӣ даромадам, – гуфтам.

– Дар синни аъзогӣ будаед, – гуфти котиби парткоми мо ва наздик ба ним соат барои розӣ кардани ман ҳаракат намуд. Ман ҷавон буданам, зиёд будани беҳудагардиам, аз эҳтимол дур набудани ба интизоми партиявӣ риоя насохтанамро гаштаю баргашта гуфта, ҳеҷ сар нафуровардам.

Дар охир апа аз ман каме ранҷида, ба назди мудири шуъбаи наср Эркин Аъзамов рафт.

Баъд шунавам Эркинака гузашта мондани солаш, дар пиронсолӣ (яъне дар сиюшаш) ба сафи ҳизб дарояд, одамҳо амалпараст будааст гуфта хандиданашон мумкин гӯён розӣ нашудааст.

Баъди се-чаҳор рӯз дар редаксия ҷамъомад баргузор гашт. Гулчеҳраапа ҳамон масъаларо бардошта, ба роҳбарамон андак арз кардагӣ барин шуд:

– Ба Хайриддинҷон узви ҳизб шавед гӯям, ҷавонам гуфта розӣ нашуданд. Эркинҷон бошанд, пир шудам гуфта рад мекунанд. Ман инро нафаҳмида мондам, Эркин Воҳидович.

Сармуҳаррирамон ба мо як нигоҳ карда монд ва зери лаб табассумкунон:

– Майлаш, Гулчеҳрахон, ба ҷавонону пирон нарасида истед, – гуфт.

---

*И.Б.Усмонхӯҷаев – котиби аввали КМ ПК Ўзбекистон (1983–1988).

**Р.Ҳ.Абдуллоева– котиби КМ ПК Ўзбекистон оид ба масъалаҳои мафкуравӣ (1984–1987).

(Давомаш дар саҳ.4).

20 июл – Рӯзи байналхалқии шоҳмот

# САМАРҚАНД ИНТИЗОРИ СИТОРАҲОИ ШАТРАНҶ

***Маълум, ки дар шоҳмот ду ҳариф бо 32 сипоҳ (сиёҳу сафед) дар рӯйи тахтаи 64 катакдор мебозанд. Ҳоло шатранҷ дар тамоми дунё мухлисони бешумор дорад. Дар Осиёи Миёна дар осори асрҳои VII-VIII низ оид ба ин бозии ақлу хирад маълумоти шавқангез мавҷуданд. Аз ҷумла дар шоҳасари безаволи Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома» байтҳои аҷибе доир ба шоҳмат ҳастанд. Алломаи Шарқ Абурайҳон Берунӣ баъди сафараш ба Ҳиндустон доир ба шатранҷ китобе навиштааст, ки боиси зикру ифтихор мебошад. Аз Далварзини водии Сурхон ва пойтахти қадимаи суғдҳо Афросиёб муҳраҳои шоҳмот пайдо шудаанд, ки дар осорхонаи Самарқанду Тошканд нигоҳдорӣ мешаванд.***

Бо дастгирӣ ва ҷонибдории сарвари давлат солҳои охир дар Ӯзбекистони Нав ба варзиш, хосатан шоҳмот диққати махсус дода мешавад.

Далели раднопазири ин гуфта дар моҳи августи соли 2022 интишор ёфтани қарори Президент дар бораи боз ҳам оммавӣ ва ривоҷу равнақ додани шоҳмот ва дар моҳи майи соли 2023 қабул гардидани қарор доир ба тайёрӣ ва гузаронидани олимпиадаи ҷаҳонии соли 2026-уми шоҳмот дар Самарқанд мебошад. Алҳол дастаи яккачини Ӯзбекистон тайёрии пухта мебинад.

Тавре ки рӯзнома иттилоъ дода буд, аз 26-уми декабр то арафаи соли нави 2024 дар Самарқанд чемпионати ҷаҳонии шоҳмот оид ба рапид ва блитс баргузор гардид. Дар он аз 52 кишвари дунё 338 нафар варзишгарон иштирок ва барои пирӯзӣ сабқат карданд.

Бояд таъкид намуд, ки дастаи мунтахаби Ӯзбекистон дар чемпионати ҷаҳон, ки дар ватани шоҳмот – Ҳиндустон баргузор гардида буд, соҳибони майдони бозиро ба доғ гузошта, ба шоҳсуфаи баланд баромад ва медалҳои тиллоро ба даст овард. Ҳамон рӯз Президенти мамлакат, муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба сардори дастаи мунтахаб, гроссмейстер Ҷаҳонгир Воҳидов занг зада, табрик кард ва комёбиҳои нав ба нав таманно намуд.

Мо дар арафаи Рӯзи байналхалқии шатранҷ бо раиси федератсияи шоҳмоти Ӯзбекистон Алишер Саъдуллоев суҳбат карда, ба ӯ доир ба тайёрӣ ба олимпиадаи навбатии шоҳмот бо чанд суол муроҷиат намудем.

– Самарқанд аз қадим маркази тамаддуни Шарқ буд, – гуфт Алишер Саъдуллоев. Дар адабиёти форсию тоҷикӣ доир ба шоҳмот байтҳои фаровон мавҷуданд. Имрӯзҳо на танҳо дар байни эҷодкорон, инчунин дар гузару маҳаллаҳо, мактабу муассисаҳои гуногун мусобиқаҳои шоҳмот гузаронида мешаванд.

Чанде пеш дар Булғория мусобиқаи бонуфузи байналхалқӣ диққати мухлисони бешуморро ба худ кашид, дар он намояндаи Ӯзбекистон Нодирбек Абдусатторов пирӯз шуд.

Воқеъан, дар олимпиадаи 46-уми ҷаҳонӣ ду дастаи мунтахаби Ӯзбекистон шарафи кишвари моро ҳимоят хоҳанд кард, ки яке аз онҳо соф самарқандиҳо мебошанд.

– Алишерҷон, дар шаҳри Тошканд академияи шоҳмот, қасри шоҳмот ҳаст, вале дар ҳокимияти вилоят ба ин масъала аз паси панҷа менигаранд, магар ҳамин хел нест?

– Замоне ба шаҳри Самарқанд президенти Федератсияи шоҳмоти ҷаҳон Кирсан Илимҷонов ташриф оварда буд ва ман ин муамморо гуфта будам. Аҷибаш он аст, ки раиси федератсияи шоҳмоти вилоят Эркин Турдимов, ки ҳокими вилоят ҳам ҳаст, ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ намедиҳад...

– Боз як муаммо. Дар асоси қарори Президент бояд дар мактабҳои миёна дарсҳои шоҳмот баргузор гардида, насли наврас чун дар Гурҷистон ва ҷумҳуриҳои Прибалтика аз айёми бачагӣ ин бозиро ёд гиранд. Вале, афсӯс, ки ин дарсҳо дар коғаз ҳасту дар амал нест.

– Чунин шикоятҳоро бисёр шунидаам. Барои ислоҳи ин вазъ чораҳои заруриро меандешем.

Дар омади гап бояд таъкид намуд, ки шоҳмот на танҳо варзиш, инчунин гиманастикаи ақлу идроки инсон, омӯзиши сабру тоқат, лаззат аз комбинатсияи аҷоибу ғароиб ҳам ҳаст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**котиби матбуоти Федератсияи шоҳмоти вилояти Самарқанд.**

# ҲАБИБИ БЕМОРОН



Ҳарчанд дар маросими ифтитоҳи клиникаи хусусии «Дурдонаи Сӯхи бостон» бевосита ширкат карда натавонистам, аммо чанд рӯз баъд бо муассиси он – Амонҷон Фармонов вохӯрдам. Маълум шуд, ки мутахассисони варзидаи шифохона ва клиникаҳои давлативу хусусӣ аз маркази вилоят ба клиникаи ӯ даъват карда мешаванд ва онҳо бонавбат ба муоинаи беморон машғул мешаванд.

– Шумо худ огаҳ ҳастед, ки бемори зиёди сӯхӣ имкони молии равуо ба маркази вилоятро надоранд. Ба болои дурии роҳи байни Сӯх ва маркази вилоят – шаҳри Фарғона, убури посгоҳҳои марзии Ӯзбекистон ва Қирғизистон шахсони ба ягон беморӣ гирифторшударо бештар азият медиҳад. Барои ҳамин яке аз афзалиятҳои кори клиникаи хусусӣ маҳз аз тарафи мутахассисони варзидаи тиббӣ муоинаву муолиҷаи чунин беморон мебошад, – гуфт Амонҷон Фармонов.

Дарвоқеъ, ҳоло дар қаламрави ноҳия теъдоди клиникаҳои хусусӣ сол аз сол афзоиш меёбад. Қарори Президент Шавкат Мирзиёев аз 1 апрели соли 2017 «Дар бораи чораву тадбирҳои ривоҷ додани сектори хусусӣ дар соҳаи тандурустӣ» барои таъсиси чунин муассисаҳои хусусии тиббӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

– Мо низ дар партави ҳамин қарор фаъолияти клиникаи хусусии худро ба роҳ мондаем ва он аз соли 2021 барои мардуми ноҳиямон хидмат мерасонад, – гуфт А. Фармонов.

Ӯ баъди хатми Донишкадаи тиббии Андиҷон аввал ба ҳайси пизишки бемориҳои дарунӣ, баъд ба ҳайси мудири поликлиникаи марказии ноҳия, сонӣ ҷонишини мудир ва мудири шуъбаи тандурустии ноҳия фаъолият намуд.

– Бо вуҷуди мушкилиҳову муқовиматҳои гуногун ба он муваффақ шудам, ки клиникаи хусусиро кушоям ва ба муоинаву муолиҷаи беморон машғул шавам. Беҳуда нагуфтаанд: шавқ агар раҳбар шавад, сад мушкил осон мешавад, – мегӯяд шифокор.

**– Баъзан дар байни мардум гуфтугузори «Пизишкон танҳо барои манфиати худ клиникаҳои хусусӣ мекушоянд» низ ба гӯш мерасад. Шумо дар қиболи ин гуфтаҳо чӣ вокуниш нишон хоҳед дод?**

– Беморе, ки ҳатто як маротиба дар клиникаи мо худро аз муоина гузаронидааст ва ё муолиҷа гирифта, дармон ёфтааст, ҳаргиз ба ин гуфтаҳо бовар нахоҳад кард. Зеро мо тибқи салоҳдиди худ ва бо дарки тамоми масъулият ба муоинаву муолиҷаи беморони худ мепардозем.

Дар акси ҳол мо дар чунин як муддати кӯтоҳ наметавонистем, ки ба теъдоди зиёд бемор қабул кунем.

**– Дар ин муддате, ки ба ҳайси раҳбари клиника фаъолият мекунед, чӣ теъдоди беморон аз хидмати он баҳраманд гардиданд?**

– Дар давоми ду солу шаш моҳ зиёда аз бист ҳазор бемор қабул ва мавриди муоинаву муолиҷаамон қарор гирифтанд. Аз сабаби дур будани роҳ ҳамеша бо шифохонаҳои вилоят аз наздик ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст. Ташрифи мутахассисони соҳаи касалиҳои дил, асаб, эндокринолог, окулист, уролог, пулмонолог, травматолог аз маркази вилоят ба ноҳияи мо ташкил карда шуд. Зиёда аз даҳ маротиба қабули тарзи ройгони ин мутахассисон ташкил карда шуд ва беш аз 3 ҳазор нафар беморон аз назорати тиббӣ гузаштанд.

**– Ин мутахассисонро номбар кардан мумкин?**

– Бале, доктори илмҳои тиб, профессор, узви Иттиҳодияи кардиологҳои Аврупо Абдулазиз Раимҷонов, невропатологҳо Саидазиз Сайдалиев ва Нодирбек Қӯшоқов, пизишки окулист Фирӯзахон Абдуллоева аз ин шумор мебошанд.

Бо даъвати ӯ профессор А.Раимҷонов ба 47 хонадон ташриф овард ва ба бемороне, ки имкони ба маркази вилоят рафтан надоранд ва ё аҳволашон вазнин аст, аз муоинаи ройгони тиббӣ гузаронид.

**– Дар қарор омадааст, ки бино, объект ва утоқҳои истифоданашуда, махсусан объектҳои давлатии муассисаҳои дар соҳаи тандурустӣ барҳам додашаванда ба воҳидҳои хоҷагидорие, ки ба аҳолӣ хизмати тиббӣ мерасонанд, бо арзиши сифр фурӯхта мешаванд. Шумо аз ин имконият истифода бурдед ё...?**

– Не, соли 2019 майдони холии ҷои бинои клиникаро аз тариқи ауксион харида гирифтам ва дарҳол корҳои сохтмон шурӯъ гардид. Дар давоми якуним сол корҳои сохтмон ба охир расонида шуд, инчунин утоқҳои биноро ба ҳамин шакле, ки ҳоло ҳаст, бо анҷоми зарурии тиббӣ муҷаҳҳаз намудем. Албатта, барои ин маблағи калон харҷ карда шуд, – мегӯяд ӯ.

Амонҷон Фармонов соли 1984 мактаби миёнаи рақами 10-умро бо медали тилло хатм кардааст. Худи ҳамон сол ба Донишкадаи тиббии Андиҷон дохил шуда, бо анҷоми таҳсил дар ординатура ба фаъолият оғоз намудааст. Оҳиста аз пизишки одӣ то дараҷаи сардухтур расидааст.

**– Вақте ки дар раъси иттиҳодияи тиббии ноҳия кор мекардед, кадом омилҳо ба фаъолияти шумо халал мерасониданд?**

– Ман дар қадами аввал маҷлисбозиҳоро хуш надоштам. Фаъолияти кормандони соҳаи тиб, бо тафовут аз кормандони идораҳои дигар, он хоҳ давлатӣ бошад, хоҳ ғайридавлатӣ, аз барқарор намудани саломатии инсон иборат аст. Баъзан лозим меомад, ки бидуни иҷозаи калонҳо толори маҷлисро тарк кунам, вагарна метавонист саломатии беморе, ки дар ҳолати мадҳушӣ ба бемористон интиқол ёфтааст, ба хатари ҷиддӣ мувоҷеҳ шавад.

Дарвоқеъ, шумораи кормандони клиникаи хусусиамон аз 5 нафар иборат аст: чаҳор нафар пизишк ва 1 нафар ба ҳайси ҳамшираи шафқат машғули кор мебошанд.

Тавре ки Амонҷон Фармонов боз тазаккур дод, дар сурати зарурат, аз ҷумла расонидани хидмати фаврии ҷарроҳӣ ё муоинаи беморе, ки ба амрози дил мувоҷеҳ гаштааст, бо кӯшиши дастандаркорони клиника ба ҷои лозима интиқол меёбад. Теъдоди ин гуна беморон то кунун нӯҳ нафарро ташкил мекунад. Бо хушҳолӣ метавон қайд намуд, ки саломатии ин беморон низ баъди ҷарроҳӣ ва муолиҷа хеле беҳтар шудааст.

– Ман аз муаллими нахустинам Кимсанҷон Мирзоев, муаллими химия ва биологияи мактаб Салоҳиддин Ҳакимов, муаллими забони русӣ Шарофиддин Додобоев ва муаллими фани физика Аслонбой Аслонов ва дигарон хеле сипосгузорам. Яке дастамро рост кардааст, дигарон дар омӯхтани забону илмии бароям зарурӣ заҳмат кашидаанд, – иброз медорад ҳамсуҳбати мо.

Падараш Аминҷон Фармонови дуредгар ва модараш апаи Майрамхон ҳамеша дар ҳақи ӯ дуогӯй ҳастанд. Вай як бародару се хоҳар дорад. Бо завҷааш – Фаризахон соҳиби як писару чаҳор духтар ва ёздаҳ набера мебошанд. Барои хидматҳояш дар соҳаи беҳбуди саломатии мардум бо нишони сарисинагии «Аълочии тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ва ташаккурномаҳои зиёд сарфароз гардидааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# МАСКАНИ ВАРЗИШГАРОНИ БОМАҲОРАТ

*Дар мактаби варзишии ихтисосонидашуда оид ба навъҳои обии вилояти Бухоро машғулотҳои шиноварӣ, шиноварии синхронӣ, парашиноварӣ ва параакадемик қаиқронӣ ба роҳ монда шудааст.*

*Дар ин ҷо 405 ҷавон малакаи худро афзун мекунанд, ки 171 нафари онҳо духтарон мебошанд.*

*Дар давоми шаш моҳи гузаштаи соли ҷорӣ варзишгарони ин мактаб дар чемпионатҳои мамлакат иштирок карда, 35 адад медалҳои нуқра ва 40-то биринҷиро ба даст оварданд.*

***Дар сурат:** дар мактаби варзишии ихтисосонидашудаи оид ба навъҳои обии вилояти Бухоро.*

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***



# ГУЗАРГОҲИ ДИЛ

(Аввалаш дар саҳ.3).

### «КИТОБРО БАРДОШТА НАТАВОНИСТАМ»

– Дар Алмаато Абиш Кекилбоевро дида мондам, – гуфт Носирака (Носир Фозилов) номи як адиби машҳури қазоқро ба забон оварда. – Ба наздикӣ ба Тошканд омада рафт, дар хонаи мо ҳам меҳмон шуд. Пеш аз бозгашт ба Иттиҳоди нависандагони мо даромадааст.

– Дар дукони китоб романи калони оқсақолҳоятон (яке аз роҳбарони онвақтаи ИН) истода будааст, – гуфт вай. – Ният кардам, ки ба хона бурда мехонам. Вале барои он ки хеле калон буд, аз ҷояш ҷунбонда натавонистам. Бе крани борбардор бардошта намешавад, – гуфта хандид дӯсти қазоқам.

### ТАҚДИРИ ЗАБОНИ ӮЗБЕКӢ

Кибриё Қаҳҳорова рӯзе ба сармуҳаррири ҳафтавори «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати» Одил Ёқубов сим зада, оиди дар матни шеърҳои шоирони классикӣ гузаштани баъзе хатоҳо сухан рондааст. Барои исботи фикраш мисолҳо овардааст.

Одилака аввал суханони апаро бо таваҷҷуҳ ва сабру тоқат шунидааст, барои холисона нишон додани камбудиҳо ба вай миннатдорӣ изҳор кардааст. Лекин нигарад поёни танқид наменамудагӣ барин. Дигар ин ки эътирозҳое, ки вай мегуфт, ба ходимони рӯзнома не, ба олими адабиётшиносе дахл дошт, ки шеърҳоро омода кардааст. Барои ҳамин Одилака ба туркистонӣ будани худ ва самарқандӣ будани апа ишоракунон гапро ба шӯхӣ тоб дода:

– Кибриёапа, суханони шумо балки дуруст, лекин ман як қазоқ бошам, шумо тоҷик бошед, тақдири забони ӯзбекӣ ба ману шумо мондмӣ, монед, худи ӯзбекҳо ҳал кунанд, – гуфтааст.

**Аз китоби «Навоӣ-30» тарҷумаи**
**Муҳаммад ШОДӢ.**

***Бо қарори дахлдори Девони Вазирон имсол дар анҷоми моҳи август дар Самарқанд бори сенздаҳум фестивали байналмилалии анъанавии мусиқии «Таронаҳои Шарқ» баргузор мешавад.***

# ФЕСТИВАЛ ДАР «ШАҲРИ АБАДӢ» БАРГУЗОР МЕГАРДАД

Фестивалро, ки то ин дам дар майдони Регистон барпо мешуд, имсол ният доранд, дар амфитеатри маҷмӯи «Шаҳри абадӣ»-и Маркази байналмилалии сайёҳии Самарқанд гузаронанд.

Масъулони Вазорати маданият ва ҳокимияти вилоят ҷойҳое, ки чорабиниҳои асосии фестивал баргузор мегарданд, меҳмонхона ва объектҳои дигарро аз назар гузаронданд.

Роҷеъ ба роҳандозӣ шудани штаби оперативӣ дар Маркази байналмилалии сайёҳӣ, тайёрагоҳи байналхалқӣ ва вокзали Самарқанд, интихоби беш аз 100 нафар ихтиёриён, ки ба иштирокчиёни хориҷии фестивал ҳамроҳӣ мекунанд ва масъалаи таҳсили онҳо баррасӣ шуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ВОХӮРИИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТ БО СОҲИБКОРОНИ ҶАВОН

Ба наздикӣ вохӯрии ҳокими вилояти Бухоро Б. Зарифов бо соҳибкорони ҷавон ва ҷавонони ташаббускор ба амал омад. Дар он сарвари вилоят бо масъала ва таклифҳои тадбиркорони ҷавон шинос шуд.

Бо мақсади таъмини самаранокии тадбир дар ҷараёни он роҳбарони секторҳои вилоятӣ, ҷонишинони ҳокими вилоят, роҳбарони корхона ва муассисаҳои дахлдор низ иштирок карданд. Ҳангоми мулоқот қариб 100 муроҷиати 71 нафар соҳибкорони ҷавон ва ҷавононе, ки дар арафаи оғози фаъолияти тадбиркорӣ қарор доранд, мавриди муҳокима ва иҷро қарор гирифт.

Ҷавонони соҳибкор бобати зиёдтар намудани миқдори кредитҳои имтиёзнок, дастрасунии қитъаҳои иловагӣ бо мақсади фарохтар гардондани фаъолияти худ ва бино, беҳтарнамоии инфрасохтор, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои кадастри бино ва ғайра кӯмак пурсиданд.

Маълум гардид, ки аз ҷониби субъектҳои тадбиркорӣ, шахсони юридикӣ саривақт гардонда нашудани кредитҳои гирифташуда боиси номураттабии фаъолияти бонкҳо мегардад. Бо мақсади ислоҳ намудани вазъият ба роҳбарони бонк ва мутасаддиёни ташкилот маслиҳат ва супоришҳо дода шуданд.

Бобати ҳалли масъалаҳое, ки вақт талаб мекунанд, чораю тадбирҳои дахлдор андешида шуд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ДАВРИ СЕЮМИ ИСТИРОҲАТИ ТОЛИБИЛМОН ОҒОЗ ЁФТ

***Ҳамасола бо фарорасии фасли тобистон толибилмон ба истироҳат дар фароғатгоҳҳо фаро гирифта мешаванд. Вазифаи асосии фароғатгоҳҳои тобистона ғанӣ гардонидани камолоти маънавӣ ва ахлоқии хонандагон, хулқу одоби ҳамида, ташаккули маънавият ва ҷаҳонбинӣ, пойдор гардонидани дӯстии байни кӯдакону наврасон ва билохира солимгардонии онҳо мебошад.***

Ду даври истироҳати бачаҳо дар фароғатгоҳҳо ба поён расид. Инак даври сеюми истироҳат оғоз ёфт. Айни замон ба чор фароғатгоҳи вилояти Навоӣ барои истироҳати мактаббачагон старт дода шудааст, ки онҳо 700 нафарро фаро гирифтаанд.

Дар фароғатгоҳҳо ба истироҳатчиён зимни таомномаи махсус панҷ маҳал хӯрокҳои болаззат дода мешавад, маҳфилҳои футбол, волейбол, тенниси рӯйи миз, шоҳмот, шашка, дӯзандагӣ, расмкашӣ ва кор бо компутер мунтазам амал мекунанд.

Дар ифтитоҳи даври сеюми истироҳатгоҳҳои «Табассум» ва «Қизилтепа»-и ноҳияи Қизилтепа раиси Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилояти Навоӣ Назира Тағоева иштирок намуд. Ӯ бо имконот ва шароити истироҳатгоҳҳо шинос шуд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 4215. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00



Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.



Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.